# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Иброгимова Машҳурахон Турачоновна дар мавзуи “Майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ–таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ. Душанбе, 2025**

Таҳқиқоти диссертатсионии Иброгимова Машҳурахон Турачоновна дар мавзуи **“Майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ”**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ–таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод гардидааст, мубраму ҷолиби диққат аст ва шиносномаи ихтисоси илмӣ дар ин самт мутобиқат менамояд.

**Мақсади таҳқиқи диссертатсионӣ** омӯзиши майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ буда, унвонҷӯ барои амалӣ намудани он вазифаҳои гузошташудро ба хубӣ иҷро намудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар автореферат омӯзиши назариявии дар он ифода меёбад, ки бори нахуст майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ, яъне низоми воситаҳои гуногунсатҳи ифодаи маънои локативият дар заминаи маводи забонҳои англисиву тоҷикӣ ба таври муқоиса мавриди омӯзиш қарор гирифта, сохтор ва ҷузъҳои таркибии майдони функсионалӣ-семантикии локативии забони англисӣ дар муқоиса бо забони тоҷикӣ мавриди пажуҳиши махсус қарор гирифта, ҷиҳатҳои умумӣ ва фарқкунандаи онҳо ошкор карда шудаанд.

Бояд гуфт, ки омӯзиши муқоисавӣ-типологии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз солҳои 70-уми асри XX ибтидо гирифта, осори таҳқиқотии судманди муҳаққиқони ватанӣ ба монанди М.Г. Шаҳобова, М.Н. Азимова, М.Т. Ҷаборӣ, М.Б. Нағзибекова, Х. Шанбезода, П. Ҷамшедов, А. Мамадназаров, К.У. Усмонов, С.С. Ҷаматов ва дигарон ба рушди забоншиносии муқоисавии тоҷик саҳми назаррас гузоштанд.

Солҳои охир низ забоншиносии муқоисавии тоҷик рушд намуда, аз ҷумла, масоили майдони функсионалӣ-семантикии мухталиф дар заминаи маводи забонҳои англисӣ ва немисӣ дар муқоиса бо забони тоҷикӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст (таҳқиқотҳои У.А. Гадойбоева, Х.Р. Куджов, М.Н. Нематуллоева, Ф.Х. Носирова, М.А. Сидиқова). Алҳол, оид ба хусусияти майдонҳои функсионалӣ-семантикии таксис, модалият, темпоралӣ ва амсоли он аз назари забоншиносии муқоисавӣ як қатор таҳқиқотҳо анҷом дода шудаанд.

Инчунин, нахустин маротиба майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ, умумият ва фарқияти сохтор ва ҷузъҳои таркибии майдони функсионалӣ-семантикии локативии забони англисӣ нишон дода шудаанд.

Дар ин замина нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда дар шакли 7 банд аз нигоҳи илмӣ ва методологӣ дуруст пешниҳод гардидаанд.

Дар автореферати диссертатсия **аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** диссертатсия аз он иборат аст, ки омӯзиш дар асоси таҳлили маводи воҳидҳои гуногунсатҳи забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ сурат гирифта, ҷойгиршавии майдон ва ифодаҳои марбут ба онро дар ду забони муқоисашаванда фаро мегирад. Ин муаммо дар забоншиносии тоҷик бори нахуст мавриди пажуҳиши мушаххаси илмӣ қарор гирифта, натиҷаҳои назарии бадастомадаро метавон ҳамчун сарчашмаҳои боэътимод дар муайян намудани паҳлуҳои мухталифи майдони функсионалӣ-семантикӣ дар забонҳои дигари муқоисашаванда истифода бурд.

Ба ақидаи диссертант майдони функсионалӣ-семантикӣ дар ифодаи вазифаи амиқи муоширатӣ хеле муҳим буда, он барои аз тарафи омӯзандагони забони англисӣ ба беҳтару хубтар дарк намудани воситаҳои забоние, ки ба муҳити муносибатҳои фазоӣ тааллуқ доранд, мусоидат мекунад. Аз ин ҷиҳат, натиҷаҳои таҳқиқотро дар курсҳои махсуси ГФ, грамматикаи назариявӣ ва амалии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, курсҳои назарии тарҷума ва типологияи муқоисавии забонҳо, ҳангоми навиштани рисолаҳои илмӣ аз рӯйи ихтисоси марбут метавон васеъ истифода бурда, ва ҳамчун заминаи илмию назариявӣ метавонанд мавриди истифода қарор гирад.

Инчунин, **саҳми шахсии унвонҷӯ** дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъала, омӯзиши дурусти таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ, таҳлили маводу натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои таҳқиқотӣ бадастомада, истифодаи маҷмуи усулҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот дар ташкил ва баргузор намудани таҳқиқоти омӯзишӣ, тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар раванди таҳқиқ, таҳлили натиҷаҳо ва коркарди маълумот, дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва дар коркарди таҳқиқоти диссертатсионӣ зоҳир мегардад.

Диссертант доир ба мавзуъ 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақола, дар нашриёҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар маҷмуаҳои конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявию минтақавӣ таҳия ва чоп намудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 7 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия ва замима таҳия шудааст ва ба талаботи ба расмиятдарори диссертатсия ҷиҳати дарёфти дараҷи илмии номзади илм мувофиқат мекунад.

Муқаддимаи диссертатсия инъикоскунандаи дастгоҳи илмии таҳқиқот буда, тибқи меъёр таҳия шудааст. Боб ва зербобҳои таҳқиқот аз нигоҳи илмӣ, мантиқӣ ва методологӣ дар шакли хуб корбаст гардидаанд, хулосаи он дар 11 банд натиҷагирӣ шудааст.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсия фарогири матни илмӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳия гардиааст ва мазмуну муҳтавои таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос кардааст.

Кобили зикр аст, ки довталаб Иброгимова М. Т. аз уҳдаи мустақилона гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ, таҳлили илмии натиҷаҳои ба даст омада ба хубӣ баромада, дар раванди гузаронидани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ таҷрибаи хуб нишон дода, ба натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардидааст.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи **Иброгимова Машҳурахон Тураҷоновна** дар мавзуи **“Майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ”** ба талаботи бандҳои 54, 84-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

**Муқарриз:** номзади илмҳои филологӣ,
омӯзгори кафедраи назария ва типологияи
забони англисӣ факултети забони англисӣ
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав **Кабиров Лутфулло Абдусаломович**

Имзои Кабиров Л.А.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
Корҳои махсуси Муассисаи
давлатии таълимии «Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав» **Исозода Тоҷиддин Исо**

**Суроға:** 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67
Тел: (83222) 2-48-63; 2-22-53
E-mail: ktsu78@mail.ru
Сомона: http://www. ktsu.edu.tj

«27» 03 **соли 2025**